# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Қаландаров Сарабек Давлатёрович дар мавзуи «Нақши ВАО дар инъикоси равобити мутақобилаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва мамолики арабзабони Халиҷи Форс (Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Қатар, Амороти Муттаҳидаи Араб)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 Рӯзноманигорӣ. Душанбе, 2025. - 384 с.**

Диссертатсияи Қаландаров Сарабек Давлатёрович дар мавзуи «Нақши ВАО дар инъикоси равобити мутақобилаи Тоҷикистони соҳибистиклол ва мамолики арабзабони Халиҷи Форс (Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Қатар, Амороти Муттаҳидаи Араб)» ба таҳқиқи масоиле бахшида шудааст, ки дар шиносномаи ихтисоси 10.01.10 - Рӯзноманигорӣ пешбинӣ гардидааст. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки мавзуи диссертатсия ба доираи мавзую масоили таҳқиқи шиносномаи ихтисоси мазкур мутобиқ мебошад.

Ҳадафи асосии диссертант баррасии таъйини дараҷаи бархӯрду талаққии дастовардҳои Тоҷикистони соҳибистиқлол дар арсаи ҷаҳонӣ ва хоса равобити мутақобилаи он аз дидгоҳи ВАО-и кишварҳои арабизабони Халиҷи Форс буда, аз зумраи мавзуъҳои муҳимму мубрами рӯзноманигорӣ-журналистикаи тоҷик маҳсуб меёбад.

Пайгириву кашф ва билохира, пажуҳиши амиқи ҳар як баромаду инъикоси дастовардҳои Тоҷикистони соҳибистиқлол аз ҷониби расонаҳои иттилоотии Халиҷ, бахусус арабзабон, машаққати зиёд ва бардошту шикебоӣ хоста, дар ин давр барои ташаккулу тарвиҷи худогоҳиву худшиносии мардуми мо аз ҳар ҷиҳат ҷойгоҳу мақоми махсусу бисёр густурда дошта, аз тарафи унвонҷӯ ба салиқаи хуби илмӣ анҷом ёфта, бешубҳа, муҳимму саривақтист.

Истихроҷ ва нақду баррасии маводди мухталифмавзуи марбут ба дастовардҳои муҳимми Тоҷикистон дар арсаи дохиливу байналмилалӣ аз сӯйи давлатҳои араб, ки довталаб анҷом дода, худ бинобар инъикоси далолати эътирофи ҷомеаи ҷаҳонӣ аз комёбиҳои сиёсиву иқтисодиву фарҳангии кишварамон ҳам аз ҷиҳати назарӣ ва ҳам амалӣ муҳимму бамаврид арзёбӣ мешавад.

Маълум аст, ки муносибати ВАО вобаста ба дараҷаи наздикиву дурӣ ва вуҷуду густариши робитаҳои сиёсиву фарҳангӣ ва иқтисодиву иҷтимоии ҷонибҳои намоидашаванда ва ё адами вуҷуди он яксон набуда, дар аксари ҳолот дар инъикоси воқеъият баробару ҳамраъй нестанд.

Биноан баррасии сифатии ин зовияҳо ва дараҷаи салоҳияти мавқеъгирӣ аз онҳо **аҳаммияти махсуси илмиро** шомил аст.

Дар ин росто маводди агентиҳои расмии хориҷии мувоҷеҳ ба замони истиқлол, ки саҳифаи нав дар таърихи Тоҷикистон асту марҳилаи сифатан дигар, марҳилаи пешбурди мақому манзалати миллати озоду соҳибихтиёрро дар арсаи сиёсату иқтисод ва эҳёву бунёдро аз дарбоистҳои худ мунъакис мекунад, ниҳоят муҳим буда, дараҷаи расидан ба аҳдофи на фақат лаҳзавӣ, балки стратегии дурро баръалову равшан менамояд ва ҳамзамон имкон медиҳад баҳогузориҳои минбаъда ва тарзу тариқи расидан ба онҳоро самтгиртар ва возеҳтару мушаххастар матраҳ кард.

Ҷанбаи дигари арзишмандии таҳқиқ дар баррасиву баҳогузории сабку салиқа ва дараҷаи бурхӯрдориву дурӣ аз қонунмандиҳои ҳирфавии рӯзноманигории муаллифон ва дар шахси онҳо дарбоисту тамоил ва мақосиди вежаи агентиҳои иттилоотӣ аёният ёфта, ки, ҳамчунин, **аҳаммияти дигари махсуси илмӣ-амалӣ** дорад. Дар ин росто таваҷҷуҳ ба маводди агентиҳоии иттилоотии Қатар, Арабистони Саудӣ ва Аморот ҳам аз ҷиҳати диниву мазҳабӣ, ҳам илмиву амалӣ ва ҳам сиёсиву фарҳангӣ аз назари шакливу ғоявиву ҳирфавият арзишмандии пажуҳишро аз ҳар ҷиҳат ба маротиб меафзояд ва таъкиди муаллифи рисола дар ин самт, ки таҳқиқи «чигунагии мавқеъ, тарзи муносибат ва дараҷаи инъикоси воқеъиятҳои иҷтимоию сиёсӣ, иктисодиву фарҳангӣ **дараҷаи муҳиммияти ин мавзуъро** асоснок мегардонад» (дис., с. 6-7) воқеан барҳаққу дуруст аст.

Ба мазияти дигари рисола метавон муқобилгузориву таҳлили жарфи маводҳои ватании марбутро, ки дар доираи жанру бастҳои суннатӣ ва мақосиди агентиву рӯзноманигорони инфиродӣ, таснифу теъдоди мавзуии онҳо, силсилабандӣ, иртиботу тафовутҳои баромадҳо, ва, билохира, ҳадафҳои ғоявӣ сурат гирифтааст, дохил кард.

**Навгонии илмии диссертатсияи** Қаландаров Сарабек Давлатёрович дар он зоҳир мешавад, ки бори нахуст дар қолаби рисолаи таҳқиқӣ инъикоси муносибату ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои арабзабони Халиҷи Форс таҳқиқ шуда, маълумоти тоза доир ба таърихи Агентиҳои иттилоотии кишварҳои араб (ШАС, АМА, Қатар), дараҷа ва таносуби инъикоси равобити дипломатӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар заминаи маводди агентиҳои ҷонибҳо зоҳир шудааст. Ҳамчунин, дар рисола вежагиҳои жанрии маводди марбут ба воқеиятҳои Тоҷикистон ва кишварҳои арабзабон дар ВАО-и мутақобила мавриди таҳлилу баррасии жарфи илмии густарда анҷом ёфтааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқро** истифодаи салоҳиятноку бамавриди дастовардхои илмӣ ва осори назарии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ба ҳадди матлуб равшан намуда, мушаххасияти маълумоту сарчашмаҳо возеҳу маълуманд. Ҳамчунин, ҳаҷми маводди таҳқиқ, коркарди натиҷаҳо ва теъдоди интишорот дар мавзуи диссертатсия ба талаботи мавҷуда барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси рӯзноманигорӣ мувофиқат менамоянд. Омӯзиши сарчашмаҳои илмӣ ва интихоби дурусти маводду усулҳои таҳқиқу тадқиқи мавзуъ ва масоили дар бобу фаслҳои диссертатсия тарҳрезишуда ба муаллиф имкон додааст, **хулоса ва тавсияҳои** боэътимод бароварда, дурнамои мавзуъҳои таҳқиқии марбут ба робитаву таъсиргузории муштараки агентиҳову рӯзноманигорони инфиродиро дар самти таҳкими равобити дуҷониба ва инъикоси воқеаҳои таъсиргузори кишварҳо бармало созад.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки маводду натиҷаҳои илман асоснокшудаи диссертатсия, натиҷаҳо ва равиши таҳқиқии муаллиф дар самти нақши ВАО дар инъикоси воқеот, тафсилу тафсири ҳирфавияти рӯзноманигорони тарафҳо, ҳадафмандиву ғаразмандии баромадҳо, муҳтавову вазоифи воқеии хабару мақолаву гузоришҳо, дарку фаҳми дараҷаи таъсири мутақобилаи фарҳангиву сиёсӣ ва иҷтимоиву иқтисодии тарафайн ва таҳкими муносиботи дуҷониба бо мардуму кишварҳои арабзабони Халиҷи Форс доманаи донишҳои илмиро вусъат бахшида, дар пайгирии таҳкими муносибот, таҳияву таълифи асарҳои илмӣ, китобу дастурҳои методии касбӣ боэътимод истифода бурд.

Унвонҷӯ барои расидан ба аҳдофи гузоштаи худ 10 нуктаи илмиро матраҳ намуда, муҳтавои фаслу бобҳоро бар ин асос талаққӣ кардааст, ки дар маҷмуъ консепсияи таҳқиқи илмии комилро ба майдон оварда, масоили пешгузоштаро бо далелҳои илмӣ ҳаллу фасл менамояд.

Диссертатсияи Қаландаров Сарабек Давлатёрович аз рӯйхати ихтисораҳо, муқаддима, чор боб, 10 фасл, хулоса, феҳристи адабиёт ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ иборат буда, дар умум 384 саҳифаро дар бар мегирад.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ, навоварӣ ва арзиши амалию назарии таҳқиқ тавзеҳ ёфта, ҳамаи зербахшҳои зарурӣ тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан, Тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ таҳия ва манзур шудаанд.

Биноан, метавон гуфт, ки диссертатсияи аз ҷониби С. Қаландаров таълифшуда бо дарназардошти пайванди муназзами масоили таҳқиқшаванда, тарҳи мантиқан мураттаби бобу зербобҳои пажуҳиш ва меҳварҳои аслии ба дифоъ пешниҳодшаванда, жарфу доманадор ва бо равишҳои тозаву дидгоҳҳои нави илмӣ мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор додани масоили мавриди баҳс арзишманду муфид ва қобили қабул аст.

**Боби якуми** диссертатсия **«Раванди ташаккули муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс»** унвон дорад. Фасли аввали он, ки «Мавқеи кишварҳои араб дар ҷаҳони муосир» ном гирифтааст, бар асоси сарчашмаҳои илмиву энсиклопедӣ маълумоти васеъ роҷеъ ба сохтори давлатӣ, сиёсати дохиливу хориҷӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ва ташкилоту равияҳои расмиву ғайрирасмии гуногунҷабҳаи роиҷи иҷтимоию сиёсӣ ва таснифи ҳуқуқии аркони давлату ҳукумат ва ҷомеаи шаҳрвандии аслан се давлат – Аморот, Қатар ва Арабистони Саудиро ба таври возеҳ пешкаш намуда, фарқу умумиятҳояшонро нишон медиҳад, ки ба маврид ва қобили кабул аст.

**Фасли дуюми боби аввалро** таърихи ташкилу тарвиҷи робитаҳои дучонибаву бисёрҷонибаи Тоҷикистон бо кишварҳои мавриди назар дар беш аз сӣ соли ахир ташкил медиҳад. Санаду ҳуҷҷатҳои бурҳонии муаллиф аз муносиботи дипломатии қавиву доманадори Тоҷикистон дар ин солиён, вале норасову нокифоятии ҳамкорӣ дар самтҳои ҳаётан муҳим, бахусус тиҷорату иқтисод ва сармоягузорӣ бо ин давлатҳо шаҳодат дода, ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми сиёсати хориҷии кишвар заминаи неки ривоҷ ва суди дутарафа доштанашро воқеъбинона ва асоснок нишон медиҳад, ки хеле ҷолибу бамавриданд ва шоҳиди ба жарфи масъала расидани унвонҷӯро дақиқан ба маърази мушоҳида мерасонад. Ҳақ бар ҷониби унвонҷӯст, ки таъкид менамояд: «таҳлили равобити дуҷониба бо кишварҳои мазкур нишон медиҳад, ки барои Тоҷикистон имконияти бештари рушди ҳамкориҳо дар соҳаҳои гуногун, аз қабили тандурустӣ, саноат, обрасонӣ ва обёрӣ, хӯрокворӣ, кишоварзӣ ва туризм, техникаю технология мавҷуд буда, тақвият бахшидани онҳо боиси пешрафти иқтисодии кишвар» (с.92) ва таҳкими риштаҳои дӯстиву ҳамкории минбаъда хоҳад буд.

Бобҳои меҳварии рисола бояд бобҳои ду ва се бошанд, зеро дар 6 фасли ин бобҳо диссертант тавассути усули таҳлилу муқоиса тавонистааст дар асоси ҳамаи сарчашмаҳо маводди маҳсули пайгириву кашфкардаашро мавриди пажуҳиш қарор дода, хулосаҳои назариву амалии худро барорад. Чунин тарзи гузориши масъала имкон фароҳам

овардааст, ки унвонҷӯ арзиши рисоларо боло бурда, дар ихтисоси мазкур самти тозаи таҳқиқро ташкил диҳад.

Дар **боби дуюми** диссертатсия, ки **«Инъикоси муносибатҳои мутақобилаи Тоҷикистону кишварҳои араб дар агентиҳои иттилоотии кишварҳои араби Халиҷи Форс»** унвон дорад, дар се фасл ба таври мушаххас аз фаъолияти агентиҳои иттилоотии Арабистони Саудӣ, Қатар ва Аморот дар самти инъикоси вақоеъи марбут ба Тоҷикистон андешаронӣ намуда, ба ҷуз таъйини теъдоди маводду мавзуъот, мадорики ҷолиберо пешкаш менамояд, ки ба аксари муҳаққиқони соҳа нав аст. Хулосаҳои муаллиф дар хусуси мақому манзалати ин агентиҳо, маводи нашркарда ва таъйини авлавияти мавзуъҳо хеле нишонрасу воқеианд ва аз маҳорати назарраси баҳрабардорӣ аз усулҳои радду бадал ва натиҷагириҳои мантиқии унвонҷӯ шаҳодат пеш меоранд.

Унвонҷӯ дар асоси муқобалагузории маводди агентиҳои номбурда ба чунин натиҷа меояд, ки асоси мавзуъоти матраҳшудаи ҳар се агентиро пешу беш аз ҳама чорабиниҳои расмии сиёсӣ, аз қабили сафарҳои расмии роҳбарони ҷонибҳо ва дигар шахсони воломақом, ҷаласаҳои байналмилаливу минтақавӣ, форумҳои молиявиву созмонӣ, рӯнамоиҳои фарҳангӣ ва амалҳои хайриявии башардӯстонаи мустақими маълум ташкил намуда, аксаран дар колабҳои жанрхои хабарӣ ва гузоришҳои муфассал пешкаш шудаанд.

Бинобар таҳқиқи унвонҷӯ Сарабек Қаландаров дар даҳ соли охир аз тарафи Агентии иттилоотии Саудӣ 1132 мавод (с. 100), аз сӯйи Агентии иттилоотии Қатар 734 мавод (с. 116) ва аз тарафи Агентии иттилоотии Аморот 353 мавод (с. 141) нашр гардида, ғолибан, чуноне гуфтем, аксаран хабару гузоришҳои расмианд.

Ба фикри муаллиф, ки дар натиҷаи баррассии амиқ ба даст омадааст, маълум мегардад, ки теъдоди зиёди маводҳои Агентии иттилоотии Саудӣ аксаран хабарҳои инъикоси аъмоли хайриявии шоҳигарӣ буда, аслан тарғибу ташвиқи худи руасои шоҳигарист ва то ҷое метавон онҳоро муғризона донист. Дар ин чорчӯба маводи Агентии иттилоотии Аморот, бо вуҷуди камӣ, дар инъикоси воқеоти Тоҷикистон нисбат ба иттилооти агентиҳои дигари мавриди пажуҳиш, ба ақидаи муҳаққиқ "мавқеи беғаразонаву ҳақгӯёнаро дошта, аз таҳрифи манфиатдорона орӣ ба назар мерасанд" (с. 142).

**Боби сеюми рисола «Мавқеи ВАО-и Точикистон дар бозтоби муносибатҳои дуҷониба бо кишварҳои араб»** ном дошта, ба таври мушаххасу алоҳидагӣ дар се фасл «**Мавзуъ ва мундариҷаи маводи АМИТ**

**«Ховар», «Вижагиҳои мавзуӣ ва масъалагузориҳо дар «Азия-Плюс» ва «Таҳлили таносубии маводи сомонаи «Pressa.tj»** мавзуву мундариҷаи маводди марбути Агентиҳои «Ховар»-у «Азия-Плюс» ва сомонаи «Pressa.tj» Медиа-холдинги «Оила»-ро мавриди омӯзиш қарор медиҳад, ки барои муайян кардани таносуби ададии ин мавод дар нисбати расонаҳои номбурдаи арабӣ, мавзуиву жанрӣ ва тарзи баромад мақоми хосеро шомил гаштаанд.

Баробари муқаррар намудани теъдоди маводди ин мақомҳои иттилоърасон, муаллифи рисола ба сабку услуб ва нуқтаи назари муаллифон аҳаммият дода, ба хулосае меояд, ки дар ҳар сурат маводди Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон «Ховар» дар ҳама ҳолот аз мавқеи расмии ҳукумат берун нарафта, чун минбари иттилоотии он пешсаф ҳам буда, дар фосилаи мавриди таҳқиқ 845 мавод (с. 167) ба табъ расонидааст, ки ба ҷуз анвои хабар, аз гузоришҳои мукаммал ва мусоҳибаву суҳбат ба таври заруриву кифоя баҳрабардорӣ кардааст. Дар ин мизонбандӣ маводди «Азия-Плюс» ҳарчанд камтар, яъне 798 адад (с.207) бошанд ҳам, дар аксари ҳолот, чуноне унвонҷӯ таъкид мекунад, мавқеъгириҳои муфаррики расмиро ҳовӣ мебошанд.

Ҷолибияти боби мазкур ҳамчунин дар қиёси ғоявии маводди ду ҷониб, арабиву тоҷикистонӣ, назаррас буда, озодиҳои муаллифони ватаниро бар ҳамкасбони хориҷии худ хуб нишон медиҳад. Дар ин росто таҳлили маводди АМИТ «Ховар» (с. 176, 179-181, 186, 188 ва ғ.) ва «Азия-Плюс» (с.209, 211-212, 214-215, 217, 219-220 ва ғ.) мисоли равшан мебошанд, ҳарчанд афзалиятҳои дуввумӣ дар ошкорбаёнӣ назаррастар аст, ки сабабҳои объективии худро дорад.

Боби мазкур бори дигар аз донишҳои амикқ назариву амалии ҳирфавӣ бархӯрдор будани С. Қаландаров шаҳодат дода, бо мулоҳизоти ҷолиб дар ҳаллу фасли ишкелҳо муваффақ кардааст.

Дар **боби чоруми** диссертатсия, ки «**Вижагиҳон жанрии маводи ВАО марбут ба муносибатҳои дутарафаи Тоҷикистон ва кишварҳои араби Халиҷи Форс»** унвон дорад, довталаб дар фаслҳои «**Инъикоси ҳамкориҳои Тоҷикистону кишварҳои араби Халиҷи Форс дар қолаби жанрҳои хабарӣ»** **ва «Корбурди жанрҳои таҳлилӣ дар инъикоси муносибатҳои дуҷонибаи кишварҳо»** дараҷаи бархӯрдории ҷонибҳо аз жанрҳои рӯзноманигориро мавриди назар қарор медиҳад.

Таҳқиқи унвонҷӯ нишон медиҳад, ки тарзи таҳияи хабарномаҳои арабӣ, бо вуҷуди ҳамгунии суннатӣ, тафовутҳо дошта, аксаран бидуни сарлавҳаву қайди пешбар (лид) пешкаши хонандагон мешаванд.

Ҳамчунин, муаллиф ба хулосаи амиқ меояд, ки «ҳарчанд дар инъикоси предмети таҳкики кори диссертатсионӣ аз жанрҳои маъмулии ахборӣ: хабар, ҳисобот, мусоҳиба ва репортаж истифода шудааст, аммо таносубан дар умум жанрҳои хабар ва ҳисобот бартарӣ доранд. Хабарҳо аз нигоҳи сохт гуногун: хроника, кӯтоҳ ва васеъ буда, мундариҷаашон баъзан аз доираи факти мушаххас берун аст. Баъзан сафари ин ё он намояндаи расмии Тоҷикистон ба ин ё он кишвари араби Халиҷи Форс, аз оғоз то интиҳо, ба таври умумӣ дар як хабар ҷой дода шудааст" (с. 295).

Дар кашфу баррасии жанрҳои таҳлилӣ, ки рӯзноманигорон дар инъикос ва баррасии воқеият ва масъалаҳои марбут ба муносибатҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои арабзабони Халиҷи Форс истифода кардаанд, мақола, нигориш ва табсира таъкид мешавад, ки ағлаб дар таҳияи маводди марбут ба мулоқоту ҳамкориҳои дуҷонибаи тарафҳои мухталиф бо Ҷумҳурии Тоҷикистон ва се давлати мавриди назар зикр мегардад, ки аксаран роҷеъ ба муносибатҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ баҳс мекунанд (с. 296-298, 309-313 ва ғ.).

**Хулосаи диссертатсияи** Қаландаров Сарабек Давлатёрович фарогири муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 22 банд гирд омадаанд ва истиноди зарурӣ дар охири ҳар банд ба мақола ва таълифоти довталаби дарачаи илмӣ оварда шудааст. Хулосаҳо дар заминаи баррасии мавзуи меҳварӣ ва муҳтавои фаслу бобҳои диссертатсия ба вуҷуд омадаанд.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю хулосаҳои ҷолиби таваҷҷуҳ диссертатсияи тақризшаванда аз норасоиҳо низ орӣ нест:

1. Ба андешаи мо, унвони баъзе фаслу бобҳои диссертатсия таҷдиди назар мехоҳанд. Масалан, ҳарчан унвони рисола «Нақши ВАО дар инъикоси равобити мутақобилаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва мамолики арабзабони Халиҷи Форс (Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Қатар ва Аморoти Муттаҳидан Араб)» унвон дорад, рисола мушаххасан ба маводди агентиҳои иттилоотии ин се кишвари арабӣ дар муқоиса бо маводди иттилоотии агентиҳои ватанӣ истинод мекунад. Бобҳои ду ва се ҳам ба назар носолиму норавон буда, аз шеваи нигориши тоҷикӣ каме дур шудаанд. Хубтар мебуд, агар унвони рисола «Инъикоси равобити Тоҷикистони соҳибихтиёр дар маводди расонаҳои иттилоотии арабӣ (дар мисоли агентиҳои Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Қатар ва Аморoти Муттаҳидан Араб)» ва бобҳои номбурда мутобиқан «Вежагиҳои мавзуиву иттилоотии маводди агентиҳои араби Халиҷи Форс» ва «Масъалагузории

равобити мутақобила бо кишварҳои арабзабони Халиҷи Форс дар сомонаву агентиҳои Тоҷикистон" ном мегирифтанд.

2. Боби якуми рисола бинобар маълумиву дастрасии маълумоти овардашуда бояд хусусияти иттилои мухтасари калидии очеркиро гирифта, мушаххасу ҳадафмандтар буда, ба ин дарозо кашида намешуд ва ба ин минвол дар бобҳои минбаъдаи омада имкони таҳлилу тадқиқи маводди бештарро фароҳам меовард, ки ба мақсад мувофиқтар бояд бошад.

3. Маводди боби чоруми рисола роҷеъ ба жанрҳо ҳам аксаран маълуму машҳур буда, такрори дигарон ва бетозагист. Дар ин боб тавсиаи махсусияти матраҳу баррасии сабку услуби нигориши муаллифони ҷонибҳо ва дараҷаи ҳадафмандии ин бароманадҳо аҳаммияти кори илмиро боз ҳам зиёдтар менамуд.

4. Адами вуҷуди унификатсияи якмароми расмии номҳо дар рисола ба назар расида, шубҳаро дар саҳеҳияти онҳо ба миён меорад.

5. Ба рисола хулосабарориҳои беасос роҳ ёфта, ҳусни корро костаанд, ки дар саҳифаҳои 294, 303, 304 назири онҳо дида мешавад.

6. Шакли нодурусти иборасозӣ дар мисоли унвони бобҳои рисола ва дохили матн, мисли «кишварҳои араби Халиҷи Форс», «кишварҳои араб»), ки мебоист дар мавриди аввал "арабии" навишта шуда, дар мавриди сонӣ "арабзабон" мебуд.

7. Дар сахифаҳои гуногуни диссертатсия ва авторефарат ғалатхои имлой, китобатӣ, техникӣ ва гуногуннависӣ мушоҳида мешаванд. мушаххас нес

Ба таври умум, эродҳои зикршуда ислоҳпазир буда, асосан, хусусияти тавсиявӣ ва пешниҳодӣ доранд, то ҳангоми нашр кубҳ камтар бошад.

Автореферат ва мақолаҳое, ки диссертант оид ба мавзуи таҳқиқ нашр намудааст, муҳтавои диссертатсияро пурра фаро гирифта, аз ин ҷиҳат комилан ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.10 Рӯзноманигорӣ мувофиқат мекунад. Ҳамчунин, коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯст.

**Хулоса**, диссертатсияи Қаландаров Сарабек Давлатёрович дар мавзуи «Нақши ВАО дар инъикоси равобити мутақобилаи Тоҷикистони соҳибистиклол ва мамолики арабзабони Халиҷи Форс (Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Қатар, Амороти Муттаҳидаи Араб)» ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 - Рӯзноманигорӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

доктори илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи журналистикаи ватанӣ ва
байналмилалии факултети филологияи рус,
журналистика ва медиатехнологияҳои Муассисаи
таълимии байнидавлатии маълумоти олии
«Донишгоҳи (славянӣ) Россия ва Тоҷикистон» Афсаҳзод А.А.
«13» сентябри соли 2025.

Нишонӣ: 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур,
кӯчаи М.Мастонгулов, ҳавлии 14.
Тел.: (+992) 93-578-69-69
E-mail: afsahzod0505@mail.ru

«Имзои Афсаҳзод Аббоси Аълохонро тасдиқ мекунам»
сардори шуъбаи кадрҳои Муассисаи
таълимии байнидавлатии маълумоти олии
«Донишгоҳи (славянӣ) Россия ва Тоҷикистон» Нуриддинов Х.Х.

Нишони: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, к. М.Турсунзода, 30.
Телефон: (+992-37) 221-35-50.
Сомонаи расмӣ: www.rtsu.tj
«13» сентябри соли 2025.